# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Мирзозода Қобилҷон Айниддин дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии ташаккулёбии маҳсулнокии квиноа (*Ch. quinoa* W.) дар шароити Тоҷикистони Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо

Дар хулосаи комиссияи экспертӣ масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

- мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферати Мирзозода Қобилҷон Айниддин актуалӣ буда, дар он бори аввал хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии ташаккулёбии маҳсулнокии квиноа (*Ch. quinoa* W.) дар шароити Тоҷикистони Марказӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва дар баррасӣ ҳимояи он иҷозат дода шуд;
- мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2020, №6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Тадқиқотҳои диссертатсия ҷанбаҳои асосии илмии ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниро дақиқ инъикос намуда, ба талаботи муайяне, ки дар шиносномаи ин ихтисос муқаррар шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Мубодилаи об, транспиратсия ва интиқоли моддаҳо. Растаниҳо ва стресс. Мутобиқсозӣ ва муқовимати растаниҳо ба омилҳои абиогенӣ ва биогении муҳити беруна.

Б-9. Физиологияи мубодилаи об ва реҷаи обии растаниҳо.

Б-10. Танзимгарони афзоиш ва инкишофи растаниҳо дар зери таъсири омилҳои экологӣ ва моддаҳои фаъоли физиологӣ.

Б-11. Асосҳои физиологӣ – биохимиявии муқовимати растаниҳо ба шароити ногувори муҳити беруна. Физиология ва биохимияи мутобиқшавии растаниҳо ба шароити ногувор.

Б-12. Раванди маҳсулдиҳӣ ва танзими он.

Навъҳо ва шаҷараҳои барои шароити хоку иқлимии Тоҷикистони Марказӣ ояндадори ошкор карда шудаанд;

- оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб дар асоси маводи кори дисертатсионӣ 19 мақола нашр гардида, аз ҷумла 5 – тои он дар маҷалаҳои эътирофшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст;
- дар рисолаи мазкур равиши методологии истифодашуда ва натиҷаҳои дар асоси озмоишҳо бадастомада барои фаҳмидани робитаи байниҳамдигарии хусусиятҳои физиологию - биохимиявии сабзишу инкишофёбӣ ва маҳсулнокии квиноа имкон доданд. Алоқаи байниҳамдигарии синергетикии (босамарии) барои байни нишондодҳои

мубодилаи обӣ, маҳсулнокии тозаи фотосинтез ва таркиби биохимиявии тухмиҳо муқарраргардида, метавонад барои коркарди биотестҳои ташхисии генотипҳои толерантӣ ва ба шароити тағйирёбандаи муҳит устувори дар афзунсозии маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ татбиқшаванда, истифода шаванд;

- эътимоднокии натиҷаҳои бадастоварда шуда бо такрорёбии кофии шумораи таҷрибаҳо ва маълумоти озмоишӣ тасдиқ мешавад, ки бо истифодаи асбобҳои ҳасосияташон баланд ва усулҳои физиологию биохимиявии ҳозиразамон ба даст омадаанд. Натиҷаҳо, инчунин аз таҳлили системавӣ ва коркарди оморӣ (статистикӣ) гузаронида шуда, эътимодбахш мебошанд;

- комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд, ки диссертатсия дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шавад;

- комиссияи экспертӣ ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ва **муассисаи пешбар** пешниҳод менамояд:

**Абдураҳмонов Нуритдин Атакузиевич** – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи хоҷагии ҷангал ва бунёди чаманзори факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур.

**Тағоева Хатича Эркаевна** – номзади илмҳои биологӣ, декани факултети педагогика ва психология Донишгоҳи давлатии Данғара.

Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

- комиссияи экспертӣ барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссия ва ДМТ иҷозат медиҳад;

- нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия хулоса пешниҳод мегардад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Мирзозода Қобилҷон Айниддин дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии ташаккулёбии маҳсулнокии квиноа (*Ch. quinoa* W.) дар шароити Тоҷикистони Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Қобилҷон Айниддин дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии ташаккулёбии маҳсулнокии квиноа (*Ch. quinoa* W.) дар шароити Тоҷикистони Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи

растаниҳо мувофиқат дорад, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Абдураҳмонов Нуритдин Атакузиевич** – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи хоҷагии ҷангал ва бунёди чаманзори факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;
- **Тағоева Хатича Эркаевна** – номзади илмҳои биологӣ, декани факултети педагогика ва психология Донишгоҳи давлатии Данғара.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия дода шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.
5. Барои чопи автреферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои химия., профессор Раҷабзода С.И.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ. Давлятназарова З.Б.

номзади илмҳои биологӣ., дотсент Холова Ш.С.

Имзоҳои С.И. Раҷабзода ва Ш.С. Холоваро тасдиқ мекунам.

**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** Шодихонзода Э.Ш.

«08» 10 соли 2025.

**Имзои З.Б. Давлятназароваро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти ботаника, физиология ва
генетикаи растании АМИТ Умарова Н.С.

734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Карамов 27.
тел: (+992-37) 224-71-88; 225-80-83. E-mail: ibfgr@bk.ru

«08» 10 соли 2025